Қарори
Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
№33

аз 29 декабри соли 2025 шаҳри Душанбе

Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба табъиз алоқаманд ба миён меоянд

Бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти қонунгузорӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба табъиз алоқаманд, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

қарор кард:

1. Мувофиқи муқаррароти моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Конститутсия) ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.

Инчунин, тибқи муқаррароти қисми дуюми моддаи 16 Конститутсия шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои муқарраргардида истифода мебаранд ва баробари шаҳрванди Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истисноҳ ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст.

Дар робита ба ин диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳимоя аз ҳама гуна шаклҳои табъиз кафолати конститутсионӣ буда, он дар ягон маврид маҳдуд карда намешавад.

Ба ғайр аз ин, кафолати баробарӣ ва ҳимоя аз ҳама гуна шаклҳои табъиз дар меъёрҳои дигари Конститутсия, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ), Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ), Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ), Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КММ), Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҲМ), Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кодекси меҳнат), Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд

- КО), Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз», «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, пешбинӣ шудаанд.

Аз ҷумла, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Конвенсия «Дар бораи ҳуқуқи кӯдак», Конвенсия «Дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ», Паймони байналмилалӣ «Дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ», Паймони байналмилалӣ «Дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ», Конвенсия «Дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон» ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳуқуқ ба баробарӣ ва ҳимоя аз ҳама гуна шаклҳои табъизро кафолат медиҳанд.

2. Мувофиқи моддаи 1 Конвенсия «Дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ» ҳама гуна фарқият, хориҷкунӣ, маҳдудсозӣ ё афзалияте, ки ба нишонаҳои нажод, ранги пӯст, баромади авлодӣ, миллӣ ё этникӣ асос ёфта, мақсади онҳо ё оқибати онҳо нобудсозӣ ё нописандии эътироф, истифода ё баробар татбиқ кардани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ё ҳама гуна дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад, табъизи нажодӣ эътироф мегардад.

Тибқи моддаи 1 Конвенсия «Дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон» бошад, табъиз нисбат ба занон ҳама гуна фарқият, истиснокунӣ ё маҳдудкуниро аз рӯи нишонаи ҷинс ифода мекунад, ки ба кам кардан ё тамоман аз байн бурдани эътироф, истифодабарӣ ва амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои занон, сарфи назар аз вазъи оилавии онҳо, баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, шаҳрвандӣ ё соҳаҳои дигар равона гардидааст.

Ба ғайр аз ин, асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии амалигардонии ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои ҳамаи шахсон, инчунин низоми чораҳои ҳуқуқии пешгирӣ ва ҳимоя аз ҳама гуна шаклҳои табъиз дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» ба танзим дароварда шудаанд.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 1 Қонуни мазкур табъиз ин ҳама гуна фарқиятгузорӣ, истиснокунӣ, маҳдудсозӣ ё афзалиятдиҳӣ мебошад, ки дар асосҳои воқеӣ ва (ё) эҳтимолӣ нисбат ба дилхоҳ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё гурӯҳи шахсон, хешовандони онҳо ё шахсони бо онҳо ба тариқи дигар алоқаманд ба вуҷуд омада, ба аломатҳои нажод, ранги пӯст, пайдоиш, ҷинс, забон, дин ва эътиқод, мансубияти миллӣ ва (ё) этникӣ, маъюбият, вазъи саломатӣ, синну сол, шаҳрвандӣ, ақида, вазъи молумулкӣ ё ҳолати дигар асос мeёбад ва мақсад ё оқибати он бад кардан, нобуд сохтан ва (ё) кам нишон додани ҳуқуқу озодиҳои эътирофшуда, истифода ё амалӣ намудани тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон дар асоси баробарӣ мебошад.

Суд, судяҳо, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва дигар мақомоту шахсони мансабдор бояд ба инобат гиранд, ки номгӯйи аломатҳои табъиз ва оқибатҳои он, ки дар меъёри мазкур пешбинӣ гардидаанд, истисноӣ намебошад. Аз ин рӯ, дар ҳар як ҳолат масъалаи ҷой доштан ё надоштани

аломатҳои табъиз бояд аз рӯи ҳолатҳои воқеии барои парванда аҳамиятдошта ва дар асоси далелҳои саҳеҳ, дахлдор, ҷоиз ва басанда баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шавад.

3. Вайрон кардани ҳуқуқи конститутсионӣ ба баробарӣ мумкин аст дар маҳдуд намудани ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд вобаста ба нажод, миллат, ҷинс, забон, афкори сиёсӣ, дин, фарҳанг ва ғайра ифода гардад. Чунончи, бартарият додан ё беэътиноӣ зоҳир намудан нисбат ба шахс вобаста ба миллат, нажод, забон, ҷинс ва ғайра дар вақти расонидани хизмат, иҷро кардани корҳо, ба кор қабул ё аз кор озод кардан, таъмин кардан бо манзил ё баръакс, ҳавасмандгардонӣ, мукофотонидан, пешниҳод намудан ба озмун ва ғайра ҷой дошта метавонад. Табъиз метавонад дар муҳити гуногун, аз қабили ҷойи кор, маориф, тандурустӣ, манзил, нақлиёт ва ғайра содир шаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» ду шакли табъиз - бевосита ва бавоситаро муайян намудааст.

Табъизи бевосита ин ҳама гуна муносибат (амал ё беамалӣ) ё фароҳам овардани чунин шароите мебошад, ки шахсро бинобар нишонаҳои дар қисми 1 моддаи 1 ҳамин Қонун пешбинишуда ҳангоми истифодаи ҳуқуқҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида нисбат ба шахсони дигар, ки дар шароити ҳаммонанд қарор доранд, дар вазъияти ногувор мегузоранд ва (ё) гузошта метавонанд.

Табъизи бавосита ин муқаррароту асосҳо ва (ё) амалияе мебошад, ки зоҳиран безарар буда, вале оқибатҳои номутаносиби ҷиддӣ доранд, ки шахсро бинобар ягон нишонаи дар қисми 1 моддаи 1 Қонуни мазкур пешбинишуда нисбат ба шахсони дигари дар шароити ҳаммонанд қарордошта дар вазъияти ногувор мегузоранд ва (ё) гузошта метавонанд.

4. Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки мутобиқи қисми 3 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз», чораҳои махсус ва муваққатӣ, ки бо мақсади таъмини дахлдори мусоидат ба шахсони алоҳида ё гурӯҳи шахсон барои истифода ё амалисозии ҳуқуқ татбиқ мешаванд, табъиз ҳисобида намешаванд, ба шарте, ки дар натиҷаи амалӣ намудани чунин чораҳо ба гурӯҳҳои гуногуни шахсон ҳуқуқҳои махсус дода нашаванд.

Номгӯйи чунин чораҳои махсус ва муваққатӣ дар асоси ҳамин Қонун ва дигар меъёрҳои қонунгузорӣ муайян карда мешавад.

Чунончи мутобиқи муқаррароти моддаи 35 Конститутсия ва моддаи 216 Кодекси меҳнат дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст. Рӯйхати корҳоеро, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳоеро, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашондани онҳо иҷозат дода мешавад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

5. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз дар қонунҳое, ки муносибатҳои маданӣ,

оилавӣ, меҳнатӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқи хусусиро танзим менамоянд, кафолат дода шудаанд.

Аз ҷумла, мувофиқи қисмҳои 1 ва 4 моддаи 3 КМ қонунгузории маданӣ ба принсипҳои баробарии иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ, дахлнопазирии моликият, озодии шартнома, номумкин будани дахолати худсаронаи ягон шахс ба корҳои хусусӣ, зарурати амалисозии бемонеаи ҳуқуқҳои маданӣ, таъмини барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронгардидаи маданӣ ва ҳимояи судии ҳуқуқу манфиатҳо асос меёбад. Ҳеҷ шахс ҳуқуқ надорад аз амали ғайриқонунӣ ё бевиҷдононаи худ бартарӣ ба даст орад.

Тибқи қисмҳои 4 ва 5 моддаи 1 КО танзими муносибатҳои оилавӣ дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ будани ақди никоҳи марду зан, баробарии ҳуқуқи зану шавҳар дар оила, ҳалли масъалаҳои дохилиоилавӣ дар асоси мувофиқаи тарафҳо, афзалияти тарбияи кӯдакон дар оила, ғамхорӣ нисбати некӯаҳволӣ ва рушду камоли онҳо, таъмини бештари ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои ноболиғ ва ғайри қобили меҳнати оила сурат мегирад. Ҳангоми никоҳ ва дар муносибатҳои оилавӣ ҳама гуна шаклҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи шаҳрвандон аз рӯи мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ ё динӣ, инчунин таҳсил ва молумулк манъ аст.

Ҳуқуқи шаҳрвандон дар оила тибқи қонунгузорӣ ва дар ҳадде, ки бо мақсади муҳофизати ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ, ахлоқ, саломатии дигар аъзои оила ва шаҳрвандон лозим мебошад, маҳдуд карда мешавад. Чунончи, манъи никоҳ байни хешовандони наздик (моддаи 14 КО), маҳдуд кардани ҳуқуқи шавҳар оид ба талаби бекор кардани ақди никоҳ (қисми 1 моддаи 17 КО), гирифтани кӯдак бе маҳрум кардани падару модар аз ҳуқуқи падару модарӣ дар ҳолати барои кӯдаки ноболиғ хатарнок (моддаи 73) ва ғайраҳо.

Мутобиқи талаботи моддаи 7 Кодекси меҳнат ҳамаи шаҳрвандон ба меҳнат ҳуқуқи баробар доранд, табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ манъ аст. Ҳама гуна фарқиятгузорӣ, роҳ надодан, афзалият гузоштан ё рад кардан аз қабул ба кор қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ки баробарии имкониятро дар меҳнат халалдор мекунад, манъ аст.

Шахсоне, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ худро табъизшуда меҳисобанд, метавонанд ба суд муроҷиат намоянд.

Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки фарқият дар меҳнат вобаста ба талаботи махсуси намуди муайяни кор ва ё вобаста ба ғамхории махсуси давлат нисбат ба шахсоне, ки муҳтоҷи ҳимояи махсуси иҷтимоӣ мебошанд (аз рӯи ҷинс, синну сол, норасоиҳои ҷисмонӣ, уҳдадориҳои оилавӣ, дараҷаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ), табъиз намебошад.

Чунончи, давомнокии вақти кории кӯтоҳкардашуда ба кормандоне, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд, занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд, кормандони маъюб ва кормандоне, ки бо корҳои шароити меҳнаташ зарарнок машғуланд ё хусусияти махсуси корӣ доранд (қисми 2 моддаи 68 Кодекси меҳнат), маҳдудияти қатъи шартномаи меҳнатӣ бо занони ҳомила, занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки дар тарбияи худ кӯдаки то се сола ё кӯдаки маъюб доранд, ҳифзи меҳнати ноболиғон, занон

ва маъюбон ва дигар ҳолатҳои ба ин монанд, ки дар Кодекси меҳнат пешбинӣ гардидаанд, табъиз ба ҳисоб намераванд.

Ҳамчунин, тибқи талаботи моддаи 5 Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти маъмурӣ ҳангоми таҳия, қабул ва иҷрои санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ бояд принсипи баробарии иштирокдорони расмиёти маъмуриро дар назди қонун риоя намоянд. Маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳо, манфиатҳои қонунии ягон тарафи иштирокдори расмиёти ҳуқуқии маъмурӣ ё монеъшавӣ ба татбиқи онҳо, инчунин ба онҳо додани бартарияте, ки қонун пешбинӣ накардааст ё андешидани чораи табъизӣ нисбати ягон тараф манъ аст.

6. Бояд дар назар дошт, ки кӯдакон таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доранд. Бинобар ин, масъалаи танзими ҳуқуқии барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати кӯдакон дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври алоҳида пешбинӣ карда шудааст.

Барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати кӯдакон яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи кӯдак ба шумор меравад, ки дар Конвенсия «Дар бораи ҳуқуқи кӯдак» пешбинӣ гардидааст.

Аз ҷумла, моддаи 2 Конвенсия муқаррар намудааст, ки тамоми ҳуқуқҳои дар ин Конвенсия пешбинигардида нисбати ҳар як кӯдаке, ки дар доираи ҳуқуқии онҳо қарор дорад, бидуни ягон табъиз, сарфи назар аз нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, дин, ақидаи сиёсӣ ва ақидаи дигар, асли миллӣ, этникӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, вазъи саломатӣ ва таваллуди кӯдак, падару модар ё сарпарасти қонунии ӯ ё ягон ҳолатҳои дигар эҳтиром ва таъмин карда мешаванд.

Суд, судяҳо, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва дигар мақомоту шахсони мансабдор бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак самти афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ ба ҳисоб рафта, роҳ надодан ба табъизи кӯдакон, новобаста ба мансубияти нажодӣ, миллӣ, ҷинсӣ, динӣ, забонӣ, ҳолати иҷтимоӣ ва молумулкӣ, вазъи саломатӣ ва дигар аломатҳо яке аз тарзҳои амалӣ намудани он мебошад.

Аз ин рӯ, мақомоти номбурдаро зарур аст, ки ҳангоми пешбурди таҳқиқу тафтиш, барасмиятдарорӣ, баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо бо иштироки кӯдакон ба риояи қатъии ҳуқуқу манфиатҳои онҳо диққати махсус дода, ҷиҳати роҳ надодан ба табъиз чораҳои пешбининамудаи қонунро амалӣ намоянд.

7. Таваҷҷуҳи суд, судяҳо, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва шахсони мансабдор ба он ҷалб карда шавад, ки мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани додани ҳама гуна шаклҳои табъиз», Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба таъмини баробарӣ ва манъи ҳама гуна шаклҳои табъиз ба ҳисоб рафта, ваколатҳои ӯ вобаста ба таъмини баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз дар ҳамин модда пешбинӣ шудаанд.

Дар баробари ин, ба ҳар як шахси манфиатдор ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайронгардида дар натиҷаи ҳама гуна шаклҳои табъиз кафолат дода шудааст.

Бинобар ин, дар асоси моддаи 15 Қонуни номбурда агар дар суд нисбати ҳамон ҳолати эҳтимолии табъиз баҳс мавриди баррасӣ қарор дошта бошад, мақоми ваколатдор баррасии муроҷиатро қатъ менамояд.

8. Ҳуқуқ ба ҳимоя аз табъиз бо тартиби судӣ, ба ғайр аз дигар меъёрҳои қонунгузорӣ, дар боби 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» пешбинӣ гардидааст.

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи моддаи 19 Қонуни мазкур ҳар як шахс ё гурӯҳи шахсон, ки худро ҷабрдидаи табъиз мешуморанд, ҳуқуқ доранд ба суд бо чунин талабот муроҷиат намоянд:

1) муқаррар намудани ҳолати вайронкунии ҳуқуқи шахс ба муносибати баробар;

2) манъ кардани амалҳое, ки ҳуқуқи шахс ба муносибати баробар ва (ё) амалӣ кардани тадбирҳо оид ба бартараф намудани табъиз ё оқибатҳои онро вайрон кардаанд ё метавонанд вайрон кунанд;

3) ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ барои риоя накардани ҳуқуқҳое, ки бо Қонуни мазкур ҳифз шудаанд;

4) беэътибор донистани санаде, ки боиси ба миён омадани ҳолати табъиз гардидааст;

5) бо талаботи дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳти мафҳуми талаботи дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тарзҳои ҳифзи ҳуқуқе, ки дар моддаи 11 КМ, моддаи 7 Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, фаҳмида мешаванд.

Ҳуқуқи интихоби тарзи ҳимоя ба даъвогар тааллуқ дошта, он бояд ба маҳдудият ва ё шакли дигари вайрон кардани ҳуқуқҳо мутобиқ бошад.

9. Ба таваҷҷуҳи суд, судяҳо расонида шавад, ки ариза ва аризаи даъвогӣ оид ба ҳимоя аз табъиз ба суди маҳалли истиқомати ҷавобгар ва нисбат ба шахси ҳуқуқӣ ба суди маҳалли ҷойгиршавии он пешниҳод карда мешавад.

Даъво нисбат ба якчанд ҷавобгар, ки дар маҳалҳои мухталиф истиқомат мекунанд ё ҷойгир шудаанд, тибқи интихоби даъвогар ба суди маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии яке аз ҷавобгарон пешниҳод мегардад.

Дар баробари ин суд, судяҳо бояд ба эътибор гиранд, ки даъво дар хусуси ҷуброни зарари дар натиҷаи осеб ё зиёни дигари ба саломатӣ расонидашуда, вобаста ба фавти саробон, оид ба барқарор намудани ҳуқуқҳои меҳнатӣ, нафақа, манзил, дар бораи ҷуброни зараре, ки ба шаҳрванд дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум намудан, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ғайриқонунӣ баҳабсгирӣ ба сифати чораи пешгирӣ, забонхат дар бораи аз ҷои истиқомат набаромадан, ғайриқонунӣ татбиқ намудани ҷазои маъмурӣ дар шакли ҳабс ё корҳои ислоҳӣ расонида шудааст, инчунин даъво оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, ки бо вайрон намудани ҳуқуқ ба баробарӣ ва ҳама гуна шаклҳои табъиз алоқаманданд, метавонад аз ҷониби даъвогар ба суди маҳалли истиқомати

худ ё маҳалле, ки дар он зарар расонида шудааст ё ба суди маҳалли бастани шартнома ё иҷро намудани он пешниҳод карда шавад.

10. Бояд дар назар дошт, ки тибқи талаботи моддаи 58 КММ уҳдадории исботи ҷой доштани табъиз ба зиммаи даъвогар вогузор мегардад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Чунончи, талабот оид ба ҷуброни зиёни моддӣ ва товони зарари маънавӣ барои риоя накардани ҳуқуқҳое, ки бо қонун ҳифз шудаанд, дар он ҳолате метавонад пешниҳод гардад, ки агар дар натиҷаи табъиз ба ҷабрдида воқеан зиёни моддӣ, ин ё он неъмату ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии охирин поймол шуда бошанд. Дар ин маврид уҳдадории исбот намудани зиёни моддӣ ва зарари маънавии расонидашуда ба зиммаи даъвогар мебошад.

Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки зимни баррасии аризаи ҷабрдидаи табъиз дар бораи мавриди баҳс қарор додани қарор, амал (беамали)-и мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ, уҳдадории исботи қонунӣ будани қарор, амал (беамалӣ) ба зиммаи мақомоти маъмурие гузошта мешавад, ки қарори мавриди баҳсро қабул кардааст ё амали (беамалии) мавриди баҳсро анҷом додааст.

11. Ҳангоми баррасии парвандаҳо дар бораи ҷуброни зиёни моддӣ ва товони зарари маънавӣ ҷабрдидаи табъиз ба ҷуброни муносиб, одилона ва (ё) қонеъкунанда барои зараре, ки дар натиҷаи табъиз расонида шудааст, ҳуқуқ дорад.

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳангоми муайян намудани андозаи ҷуброни зиёни моддии ба ҷабрдидаи табъиз расонидашуда меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ вобаста ба хисороти воқеӣ ва фоидаи аздастрафта татбиқ мегарданд.

Зимни баррасии парвандаҳо дар бораи товони зарари маънавӣ судҳо меъёрҳои моддаҳои 1225 ва 1226 КМ-ро, ки тартиб, асосҳо ва андозаи товони зарари маънавиро ба танзим медароранд, татбиқ менамоянд. Ҳангоми муқаррар намудани андозаи зарари маънавӣ ҳолатҳои вазнинкунандаи табъиз, яъне табъиз бо ҳолатҳои зиёд (ду ва зиёда ҳолат), табъизи такроршаванда (якчанд маротиба амалишуда), инчунин табъизи давомдор (дар давоми муддати дароз амалишаванда) бояд ба инобат гирифта шаванд.

12. Ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки зимни татбиқи қонунгузорӣ вобаста ба табъиз оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба миён меоянд, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд ва судяҳо бояд ба эътибор гиранд, ки кафолатҳои конститутсионии баробарӣ дар назди қонун ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз инчунин дар моддаи 5 КҶ ва моддаи 16 КМҶ муқаррар шудаанд. Бояд дар назар дошт, ки риоя нагардидани талаботи меъёрҳои номбурда дар асоси моддаҳои 372 ва 412 КМҶ метавонад боиси бо тариқи кассатсионӣ ё назоратӣ бекор кардан ё тағйир ёфтани санади судӣ гардад.

13. Дар моддаи 143 КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан бевосита ё бавосита вайрон намудан ё маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо ё ин ки бевосита ё бавосита муқаррар намудани бартарии шаҳрвандон вобаста ба ҷинс, нажод, миллат, забон, баромади иҷтимоӣ, мавқеи шахсӣ, молу мулкӣ ё

мансабӣ, маҳалли истиқомат, муносибат бо дин, ақида, марбут будан ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд зарар расонидааст, пешбинӣ гардидааст.

Ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо тавзеҳ дода шавад, ки вайрон намудани ҳуқуқ метавонад дар ҳаракат ва ё беҳаракатии шахси гунаҳгор ифода ёфта, боиси маҳрум кардани ҳуқуқ, пешниҳод накардани имконияти баамалбарории ҳуқуқ ва ё ба вуҷуд овардани монеа барои баамалбарории он гардад. Чунончи, беасос дастгир намудани гуруҳи шахсон бо назардошти мансубияти миллии онҳо, рад кардан аз қабул ба кор бинобар норозӣ будан бо эътиқоди динӣ, ғайриқонунӣ аз кор озод намудани шахс бинобар аъзои ташкилоти ҷамъиятӣ будан ва ғайраҳо.

Ҷинояти мазкур аз лаҳзаи содир намудани кирдоре, ки барои вайрон кардан ва ё маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо равона карда шудааст, хотимаёфта ҳисобида шуда, қасдан содир мешавад.

Ангезаи ҷиноят муносибати хусуматнок нисбат ба миллат ва ё эътиқоди динии шахс, қасос, ғараз ва ғайраҳо шуда метавонанд.

Дар натиҷаи ҷиноят мумкин аст ба шахс зиён (чунончи, дар сурати ғайриқонунӣ аз кор озод намудани шахс, ӯ дар давраи муайян аз музди меҳнат маҳрум мегардад) ва ё зарари маънавӣ (аз ҷумла дар ҳолати паст задани шаъну шарафи шахсӣ бинобар миллати ин шахс) расонида шавад.

14. Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки аломати бандубасткунандаи табъиз дар меъёрҳои дигари КҶ, чунончи дар моддаи 143[1], ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои шиканҷа пешбинӣ менамояд, ҷой дорад.

Таркиби ҷинояти мазкур ҷавобгариро барои қасдан расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, ки аз ҷониби шахсе, ки таҳқиқ ё тафтишоти пешакӣ мегузаронад ё шахси мансабдори дигар ё бо таҳрики онҳо ё розигии хомӯшонаи онҳо ё бо огоҳӣ доштани онҳо аз ҷониби шахси дигар, бо мақсади аз шахси таҳти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм гирифтани маълумот ё иқроршавӣ ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки ӯ ё шахси сеюм содир намудааст ё дар содир намудани он гумонбар шудааст, инчунин тарсонидан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси сеюм ё бо сабаби дигаре, ки ба ҳар гуна табъиз (дискриминатсия) асос ёфтааст, содир шудааст, муайян намудааст.

Кирдорҳои ҷиноятии дар қисми махсуси КҶ пешбинишуда метавонанд бо аломатҳои бандубасткунандаи табъиз ва ё бо ангезаи табъиз содир шаванд. Чунончи банди «м» қисми 2 моддаи 104 (куштани одам бо сабаби хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ), моддаи 153 (дидаю дониста ғайриқонунӣ аз кор озод намудани шахс бо ангезаи бадбинии миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ ва ғайра).

Вобаста ба ин мақомоти таъқиби ҷиноятиро зарур аст зимни гузаронидани тафтиши пешакӣ ба таври мушаххас муайян намоянд, ки табъиз нисбат ба шахс дар кадом шакл ифода ёфтааст ва ин ҳолат дар қарори ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидани ӯ нишон дода, эълон карда шавад.

Ба суд ва судяҳо зарур аст дар қисми баёнию асосноккунии ҳукми айбдоркунӣ ҳолатҳои содир гардидани табъиз, ки исботшуда эътироф кардаанд, бо нишон додани маҳал, вақт, тарзи содир кардани он, намуди гуноҳ, сабаб, мақсад ва оқибатҳои онро инъикос намоянд.

15. Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки дар КҲМ меъёрҳое мавҷуданд, ки бо табъиз алоқамандӣ доранд. Аз ҷумла, моддаҳои 86 (монеъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии эътиқоди динӣ), 94 (риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи меҳнат), 95 (беасос ба кор қабул накардан) ва ғайра.

Аз ин лиҳоз, ҳангоми барасмиятдарорӣ ва пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мавҷуд будан ё набудани аломатҳои табъиз дар кирдорҳои ҳуқуқвайронкунанда бояд мутобиқ ба меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» муайян карда шавад. Чунончи, зимни баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба беасос ба кор қабул накардани шахс бо ангезаи табъизи ҷинсӣ ҳангоми набудани аломати ҷиноят ва ё бинобар гирифтори бемории ВНМО будан.

16. Суд, судяҳо, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва шахсони мансабдор бояд ба эътибор гиранд, ки мувофиқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» виктимизатсия, яъне таъқиб, ҳама гуна муносибати хусуматомез ва дар вазъияти номусоид қарор додани шахсоне, ки дар бораи табъиз хабар додаанд, оид ба табъиз шоҳидӣ додаанд, аз истифодаи амалҳои табъизӣ, ки бо супориши касе бояд сурат гирад, даст кашидаанд ё дар баррасии парвандаҳо оид ба табъиз тибқи муқаррароти Қонуни мазкур иштирок намудаанд, манъ аст.

Аз ин лиҳоз, мақомоти номбурдаро зарур аст, ки ҷиҳати роҳ надодан ба виктимизатсия тадбирҳои бо қонун пешбинишударо андешанд.

17. Ба суд, судяҳо зарур аст, ки зимни баррасии парвандаҳои мадании, оилавӣ ва ҷиноятӣ ба масъалаҳои таъмини баробарӣ ва ҳимоя аз ҳама гуна шаклҳои табъиз диққати махсус дода, ҳангоми ошкор намудани вайронкунии қонунгузорӣ дар амали тарафҳо, дигар шахсони иштирокчии парванда, шахси мансабдор ё дигар шахс, ки ба он роҳ додаанд, таъиноти хусусӣ қабул намоянд. Агар суд дар амали тарафҳо, дигар иштирокчиёни мурофиа, шахси мансабдор ё дигар шахс аломати ҷиноятро ошкор намояд, маводи дахлдорро барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба қонунвайронкунанда ба прокуратура ирсол менамояд.

Зимни баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, дар мавриди муқаррар кардани сабаб ва шароитҳое, ки ба содир шудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мусоидат намудаанд, судяҳо бояд ба ташкилоти дахлдор ва шахсони мансабдори ваколатдор барои бартараф кардани камбудиҳо пешниҳод ирсол намоянд.

18. Судҳоро зарур аст мунтазам амалияи баррасии парвандаҳоро вобаста ба табъиз ҷамъбаст намуда, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ошкоргардида чораҳо андешанд.

| | |
|---|---|
| Раиси Суди Олии<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мирзозода Р.П. |
| Котиби Пленум,<br>судяи Суди Олии<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | Холиқмуродзода Д.А. |